Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Сурога: 734064, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси молия, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ – Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло ба диссертатсияи Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар мавзуи «Масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илмӣ, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар мавзуи «Масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи бандҳои 8.8; 9.7; 10.5; 10.3; 10.6; 10.12; 10.13; 10.16 ва 10.18-и Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ устувории низоми бонкӣ ҳамчун яке аз омилҳои калидии таъмини суботи молиявӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, самаранокии тақсимоти захираҳои молиявӣ ва густариши равандҳои сармоягузорӣ баромад менамояд. Низоми бонкӣ дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун механизми асосии миёнаравии молиявӣ нақши муҳим дошта, тавассути ҷалби пасандозҳо, пешниҳоди қарзҳо, анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳо, интиқоли маблағҳо ва пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, хусусияти фаъолияти бонкӣ бо мавҷудияти доимии хавфҳои гуногун алоқаманд буда, самаранокии

идоракунии онҳо яке аз шартҳои асосии таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ мебошад.

Дар ин замина, масъалаи мукаммалгардонии идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ пайдо менамояд, зеро самаранокии фаъолияти бонкҳо на танҳо аз ҳаҷми захираҳои молиявии ҷалбшуда ва даромаднокии амалиётҳо, балки аз қобилияти онҳо барои сари вақт муайян намудан, арзёбӣ кардан, пешгирӣ намудан ва маҳдуд сохтани хавфҳои эҳтимолӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, идоракунии нокифояи хавфҳо метавонад боиси паст шудани сифати дороиҳо, афзоиши қарзҳои мушкилситон, коҳиши пардохтпазирӣ, норасоии сармоя ва дар ҳолатҳои алоҳида ба заиф гардидани устувории молиявии ташкилоти қарзӣ оварда расонад.

Аз тарафи дигар, масъалаи идоракунии хавфҳо дар шароити рақамикунонии низоми молиявӣ низ хусусияти нав пайдо кардааст. Рушди бонкдории рақамӣ, хизматрасониҳои мобилии бонкӣ, пардохтҳои электронӣ ва истифодаи технологияҳои муосири молиявӣ имкониятҳои нави рушди низоми бонкиро фароҳам овардаанд. Ҳамзамон, онҳо хавфҳои амалиётӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва кибериро афзоиш медиҳанд. Аз ин рӯ, такмили механизмҳои назорати дохилӣ, идоракунии хавфҳои технологӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти мизоҷон ба яке аз самтҳои муҳими мукаммалгардонии идоракунии хавфҳои бонкӣ табдил ёфтааст.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Муаллифи рисола масъалаи идоракунии хавфҳои бонкӣ ва роҳҳои такмилдиҳии онҳоро баррасӣ намуда, фишурдаҳои зеринро ҳамчун навгонии илмӣ пешниҳод намудааст:

1. Муаллиф дар доираи навгонии якум заминаҳои назариявии бавуҷудоии хавфҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, муаллиф мушаххассозии унсурҳои асосии таъмини амнияти низоми бонкӣ ва идораи босамари хавфҳоро пешниҳод намудааст ва дар доираи ин омилҳои таъсиррасон ба хавф, ҳамчунин, унсурҳо ва ҷузъиёти асосии фарқи байни хавфҳо ва таваккалҳои бонкиро муайян кардааст;

2. Аз тарафи муаллиф сарчашмаи муаммоҳои дар бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ бавуҷудояндаро ошкор гардида, муайян гардидааст, ки ҳамаи ин ба хавфҳои бонкӣ боис мегарданд ва роҳҳои идораи босамари онҳо пешниҳод шудааст;

3. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардидааст, ки ба низоми бонкӣ вазъи иқтисодиёти ҷаҳон таъсири мустақим ва ғайримустақим дошта, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ низ муайян гардида, аз тарафи муаллиф роҳҳои пешгирии он дарёфт ва пешниҳод гардидааст.

4. Муаллифи рисола хавфҳои ба низоми бонкии кишвар таъсиррасон ва таҳдидкунандаро дар шароити муосир ошкор ва сарчашмаи пайдоиши онро ки аз ҳисоби омилҳои дохила ва беруна мебошад, муайян намудааст. Дар баробари ин, хавфнокии низоми бонкӣ ба воситаи нишондиҳандаҳо ва зарибҳои махсус ҳисоб карда шуда, роҳҳои идоракунии он пешниҳод гардидааст.

Мавқеи унвончӯ дар таҳияи нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф буда, дар такя ба асосноксозии вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ ҳамчун навгониҳои илмӣ чунин нуктаҳо ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад:

- унвончӯ исбот намудааст, ки омӯзиши назариявию консептуалии пайдоиши хавфҳои бонкӣ ва муайян намудани таъсири он ба рушди низоми бонкӣ зарурати беандоза дорад.

- аз тарафи муаллифи рисола таъсири хавфҳои бонкӣ, ки аз ҳисоби омилҳои беруна ва дохила ба вуҷуд меоянд, ба нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ошкор ва роҳҳои таъминнамоии устувории низоми бонкӣ муайян, ҳалли муаммоҳое, ки дар давраи буҳронӣ ба вуҷуд омадаанд, пешниҳод карда шудааст.

- муаллиф муайян намудааст, ки таъсири хавфҳо пеш аз ҳама ба нишондиҳандаҳои қарзӣ, махсусан ба сандуқи қарзӣ бештар буда, натиҷаи онро дар коҳиш ёфтани шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои охир, асосан дар давраи буҳронӣ ва баъд аз буҳронӣ во хӯрдан мумкин аст.

- аз тарафи муаллиф модели махсус таҳия гардидааст, ки он арзёбӣ ва идоракунии хавфҳои қарзиро дар бар гирифта, ҳамчун омили калидии таъмини

2. Аз тарафи муаллиф сарчашмаи муаммоҳои дар бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ бавуҷудояндаро ошкор гардида, муайян гардидааст, ки ҳамаи ин ба хавфҳои бонкӣ боис мегарданд ва роҳҳои идораи босамари онҳо пешниҳод шудааст;

3. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардидааст, ки ба низоми бонкӣ вазъи иқтисодиёти ҷаҳон таъсири мустақим ва ғайримустақим дошта, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ низ муайян гардида, аз тарафи муаллиф роҳҳои пешгирии он дарёфт ва пешниҳод гардидааст.

4. Муаллифи рисола хавфҳои ба низоми бонкии кишвар таъсиррасон ва таҳдидкунандаро дар шароити муосир ошкор ва сарчашмаи пайдоиши онро ки аз ҳисоби омилҳои дохила ва беруна мебошад, муайян намудааст. Дар баробари ин, хавфнокии низоми бонкӣ ба воситаи нишондиҳандаҳо ва зарибҳои махсус ҳисоб карда шуда, роҳҳои идоракунии он пешниҳод гардидааст.

Мавқеи унвончӯ дар таҳияи нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф буда, дар такя ба асосноксозии вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ ҳамчун навгониҳои илмӣ чунин нуктаҳо ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад:

- унвончӯ исбот намудааст, ки омӯзиши назариявию консептуалии пайдоиши хавфҳои бонкӣ ва муайян намудани таъсири он ба рушди низоми бонкӣ зарурати беандоза дорад.

- аз тарафи муаллифи рисола таъсири хавфҳои бонкӣ, ки аз ҳисоби омилҳои беруна ва дохила ба вуҷуд меоянд, ба нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ошкор ва роҳҳои таъминнамоии устувории низоми бонкӣ муайян, ҳалли муаммоҳое, ки дар даврои буҳронӣ ба вуҷуд омадаанд, пешниҳод карда шудааст.

- муаллиф муайян намудааст, ки таъсири хавфҳо пеш аз ҳама ба нишондиҳандаҳои қарзӣ, махсусан ба сандуқи қарзӣ бештар буда, натиҷаи онро дар коҳиш ёфтани шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои охир, асосан дар даврои буҳронӣ ва баъд аз буҳронӣ во хӯрдан мумкин аст.

- аз тарафи муаллиф модели махсус таҳия гардидааст, ки он арзёбӣ ва идоракунии хавфҳои қарзиро дар бар гирифта, ҳамчун омили калидии таъмини

устувории низоми бонкии кишвар дар шароити тезутундшавии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва омилҳои макроиқтисодӣ баромад менамояд.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар мукаммалгардонии унсурҳои таркибии раванди идоракунии хавфҳо дар амалияи бонкии ватанӣ зоҳир мегардад. Барои ин, муаллиф коркардҳои назариявӣ, методӣ ва амалии худро ҳамчун идомаи асарҳои олимони дохилию хориҷӣ таҳия ва пешниҳод намуда, бо ворид кардани нишондиҳандаҳои низоми бонкии ватанӣ ва ба инобат гирифтани вижагиҳои он онҳоро пурра сохтааст. Ҳамаи ин, гувоҳи аҳаммияти воқеии амалӣ доштани таҳқиқоти тақризшаванда низ мебошад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқотро асосан таҳлилҳо ва коркарди нишондиҳандаҳои муҳимми низоми бонкӣ ва дараҷаи тағйирёбии онҳо, ки бо хавфҳо омезиш доранд, дар бар гирифта, вобаста ба мушаххасоти масъала ба таҷриба ва тамоюлҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя гардидааст, ки асоси равиши таҳқиқотро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, дар мушаххасоти хатар ва сатҳи таъсири онҳо ба низоми бонкӣ ва иқтисодиёти имрӯза як зумра арзёбиҳо пешниҳод шудаанд.

Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар шакли фишурда ва васеъ дар конференсияҳои сатҳи гуногун, ба монанди конференсияҳои илмӣ-амалӣ, сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, ҳамчунин, фишурдаҳои он дар семинару машваратҳои илмӣ, мизҳои мудаввари соҳавӣ ба таври роҳнамо мавриди баррасии амиқ қарор гирифта, дар аксар маврид онҳо қобили қабул ҳисобида шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро барои такмил додани стратегияи идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои қарзию молиявии кишвар истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин, гуфтан мумкин аст, ки маводҳои амиқу дақиқи ба хавф нигаронидашуда ва мафҳумҳои дар шакли дуруст тавсифшударо метавон дар фанҳои таълимии “Идоракунии хавфҳои бонкӣ”, “Инноватсия дар бонкҳо”, “Муомилоти пулӣ ва қарз”, “Фаъолияти бонкӣ, “Амалиётҳои бонкӣ” истифода бурд.

Дар робита ба ҳамаи ин, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф вокеияти идоракунии хавҳои бонкӣ ва мукаммалгардонии механзмҳои онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд ва ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқотро пурра ифода мекунанд. Бинобар ҳамин тамоми равишҳо ва равандҳои дар таҳқиқот истифодашуда қобили дастгирӣ мебошанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвончӯ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр кардааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шуд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулоса, 12 расм, 17 ҷадвал, 4 диаграмма, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 131 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 169 саҳифа таҳия шудааст.

Муаллиф дар боби якуми диссертатсия - "Асосҳои назариявии идоракунии хавфҳои бонкӣ дар шароити муосир" асосҳои назариявии идоракунии хавфҳои бонкӣ, хавфҳои бонкӣ ва таснифи шаклгирии онҳо дар иқтисодиёт, таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии хавфҳо ва имкони истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дода, як қатор омилҳои таъсиррасон ва пешгирикунандаро муайян ва пешниҳод намудааст.

Муаллиф дар рисолаи илмии худ қайд менамояд, ки дар низоми бонкии кишвар масоили мубрами марбут ба хавфу таваккал дар шароити имрӯза ба як қатор тағйироти назаррас ноил гардида, фарқи онҳо ба куллӣ эҳсос карда мешавад ва онҳо дар фаъолияти бонк таъсирҳои гуногун мерасонанд. Таҷрибаи сатҳи хавфҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар собит намуд, ки хавфҳое, ки дар бозори бонки мавҷуд аст ин мушкилот на аз ин ҳисоб, балки аз ҳисоби кормандони ғайрикасбии манфиатҷӯ ва тавакалкор мебошад (саҳифаи 33).

Ҳамчунин, дар кори таҳқиқотӣ масъалаи хавфи бонкӣ дар алоҳидагӣ бештар мавриди баррасӣ қарор гирифта шуда, қайд мегардад, ки хавфи бонкӣ асосан дар натиҷаи тараққиёти номуътадили иқтисодиёт вайрон шудани мувозинатҳои пулӣ низ ба вуҷуд омада, таъсири манфии худро ба тамоми соҳаҳои ба ин ҷараёнҳо

пайваст мерасонад. Зеро бонкҳо он даромаде, ки чашмдор буданд, ба даст оварда наметавонанд ва дар як давраи муайян метавонанд пардохтпазирии худро гум намоянд (саҳифаи 36).

Дар масъалаи назариявии боби аввал дар баробари хавфҳои бонкӣ, инчунин, таъсири хавфҳо ба дигар соҳаҳои иқтисодӣ низ мавриди таҳлил қарор гирифта шуда, муаллифи рисола иброз медорад, ки хавф на танҳо дар фаъолияти муассисаҳои молиявию қарзӣ, балки дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ хусусияти дутарафа дошта, он на танҳо натиҷаҳои (зарар) номусоид, балки имкониятҳои мусоидро (масалан, гирифтани даромади зиёдатӣ) низ дар назар дорад ва метавонад ба ин масъала таъсири ҷиддӣ расонад (саҳифаи 44).

Муаллиф дар баробари масъалаи хавҳои бонкӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ инчунин қайд менамояд, ки омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии хавфҳои бонкӣ як қатор имкониятҳоро барои низоми бонкии мо фароҳам оварда, дар ин замина, мо метавонем ҳангоми мавҷудияти хавфҳо дар низоми бонкӣ сатҳи таъсир ва зарари онро кам гардонида, рушди минбаъдаи низоми бонкиро таъмин намоем (саҳифаи 52).

Дар боби дуюми диссертатсия - **“Вазъи идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** масъалаҳои таҳлил ва баҳодиҳии устуворӣ ва босуботии низоми бонкӣ дар шароити афзоиши таъсири хавфҳо, хавфҳои қарзӣ ва механизмҳои идоракунии онҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ, таҳлили алоқамандӣ ва бавуҷудоии занҷираи хавфҳо дар низоми бонкдории муосир ва масъалаҳои дигари ба ин самт рабтдошта мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар ин боб дуруст қайд менамояд, ки паст гардидани сатҳи рушди низоми бонкӣ ва коста гардидани ҷараёни пардохтпазирӣ аз бад шудани вазъи иқтисодӣ ва коста шудани ҷараёни такрористеҳсол дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳад (саҳифаи 63).

Дар натиҷаи таҳлил унвонҷӯ ба хулоса омада қайд менамояд, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи осебпазирӣ ва хавфнокии бонкҳои Тоҷикистон баъд аз соли 2012 афзун гардид ва он вазъияти низоми бонкиро торафт мураккаб гардонида, вазъи пардохтпазирии як қатор бонку ташкилотҳои қарзиро мураккаб

намуд. Агар аз як тараф, ин масъала ҳолати осебпазирии низоми бонкиро муайян карда бошад, аз дигар тараф, хатарафзо намудани бонкҳоро ошкор намуд. Иброз доштан зарур аст, ки дар вазъияти буҳронии солҳои 1991-1998 ва солҳои 2008-2014, инчунин 2015-2020, даврае буд, ки бо дарназардошти ҷой доштани ҳолатҳои буҳронӣ низоми бонкӣ дар ин марҳалаҳо ба ислоҳоти таркибӣ ва умумӣ ниёз дошт (саҳифаи 65).

Ақидаи зерини муаллиф боиси таҳсин мебошад: «Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти кӯчак низ метавонад як қатор хавфҳои бузургро ба миён оварад» (саҳ. 74).

Муаллиф таҳлил намудааст, ки аз соли 2016 то соли 2021 нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ тамоили коҳишёбӣ доштанд. Яъне, дар соли 2016 агар нишондиҳандаҳо 38,8%-и ММД-ро ташкил намуда бошанд, ин тамоили коҳишёбӣ то соли 2021 идома ёфта, ба ҳадди 22,26% баробар гардид.

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ - **“Масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии хавфҳои бонкӣ”** роҳҳои таъмини бехатарии фаъолияти бонкӣ дар заминаи технологияҳои ҳозиразамон, истифодаи усулҳои ҳозиразамони фаъолгардонии бахши бонкӣ дар ҳолатҳои буҳронӣ ва такмили низоми идоракунии хавфҳои алоҳидаи бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Моҳияти боби мазкур ба он равона гардидааст, ки идоракунии хавфҳо дар ҷумҳурӣ махсусан дар низоми бонкии он такмил дода шуда, роҳҳои нави пешгирӣ ва идора намудани он дарёфт ва истифода гардад. Дар ин бобат муаллифи рисола қайд менамояд, ки барои дар амал татбиқ намудани ин мақсадҳо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мувофиқи мақсад буда, таъмини амнияти онҳо дар ҳифзи манфиатҳои ин ташкилотҳо аз таконҳои беруна ва дохила нақшгузор буда, кӯшиш менамоянд, ки сатҳи рақобатпазирии худро дар бозори бонкӣ нигоҳ доранд (саҳифаи 105).

Муаллиф қайд менамояд, ки имрӯз дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо шоҳиди як қатор ҷиноятҳои киберӣ ва хатарнок, ки асосан бо айби истифодабарандагони амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ рух медиҳанд, мешавем

ва айнан чунин тамоил ҳатто дар давлатҳои пешрафта низ ба назар мерасад (саҳифаи 106-107).

Ба гуфтаи муаллиф техникаву технология дар баробари пешниҳод намудани имкониятҳои васеъ ба низоми бонкӣ инчунин сатҳи хатарро низ афзоиш медиҳанд ва субъектони низомро зарур аст, ки онро самаранок истифода намуда, сатҳи хавфҳоро коҳиш диҳанд.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ на танҳо дар таъмини амният ва бехатарии бонк, балки дар рушду рақобатпазирии он таъсири мусбат мерасонад. Бо илова ба баъзе мушкилоти дар истифодаи технологияҳои рақамӣ ҷойдошта, афзалият ва бартарии он дар пешрафти бонк ниҳоят муҳим ва зарурӣ буда, он аз як қатор унсурҳои муҳим ва таъсиррасон иборат аст (саҳифаи 112).

Муаллифи диссертатсия ба он ақида аст, ки дараҷабандӣ ва арзёбии хавфҳо аз рӯйи таъсиррасонии онҳо ба иқтисодиёт ва низоми бонкӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои идораи босамари хавфҳоро дарёфт намуда, таъсири манфии онҳоро бо истифода аз чораҳои пешгирикунанда кам карда шавад.

Дар қисмати ҷамъбастии диссертатсия унвончӯ роҳҳои мукаммалгардонии хавфҳоро дар низоми бонкии ҷумҳурӣ пешниҳод намудааст, ки татбиқи он дар низом мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардида, дар дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (2021-2024) муҳокима шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии ба диссертатсия асосёфта дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳо дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои “Идора кардани хатари бонкӣ”, “Фаъолияти бонкӣ”, “Амалиётҳои бонкӣ”, “Муносибатҳои мукотибавии байнибонкӣ”, “Менеҷменти бонкӣ” истифода шуда истодаанд (санади татбиқ аз Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии

Тоҷикистон мавҷуд аст). Ҳамчунин, санади татбиқ аз ҶСП «Ҳумо Бонк» оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯ Шарифзода Г.М. мавҷуд аст.

Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Агарчанде, ки дар таҳқиқи мавзуъ унвонҷӯ муваффақона амал намуда, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ва амалӣ ноил гардида бошад ҳам, ҳанӯз баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад ва онҳоро метавонем дар шакли зерин ёдовар шавем:

1. Чунин ба назар мерасад, ки дар қисмати назариявии таҳқиқот аз осори олимони ватанӣ оид ба мавзуъ бештар истифода бурдан мумкин буд.

2. Бештари тавсияҳо ва бардоштҳои муаллиф аз таҷрибаи хориҷӣ вобаста ба идоракунии хавфҳои бонкӣ аз низоми бонкии кишварҳои пешрафта буда, муаллиф хулоса кардааст, ки бо ин меъёрҳо пеш рафтанамон имконпазир нест, зеро имконият ва иқтисодиёти ин давлатҳо ба имконияту иқтисодиёти Тоҷикистон мутобиқат намекунад.

3. Муаллифи рисола вобаста ба баррасии хавф ва тавакал дар низоми бонкӣ як қатор нишондиҳандаҳои воқеии амикро таҳлил намудааст. Агар ба таври мушаххас дар сатҳи иҷрои амалиётҳо ва хизматрасониҳо ин масъаларо муайян менамуд, таҳқиқоти илмӣ мушаххастар мегардид.

4. Дар зербоби 2.3 муаллиф оид ба таҳлили алоқамандӣ ва бавуҷудоии занҷираи хавфҳо дар низоми бонкдории муосир мулоҳизаронӣ кардааст. Чунончи, дар саҳ.95 муаллиф алоқамандии хавфҳои бонкиро бо дигар омилҳои берун аз низоми бонкӣ зикр кардааст, ки ин шарҳу тавзеҳи иловагиро тақозо мекунад.

5. Дар саҳ. 125 муаллиф сатҳи эътимоди мардумро ба низоми бонкӣ бо ҳиссаи пасандозҳои аҳолӣ дар ММД арзёбӣ карда, қайд намудааст, ки баъди соли 2015 он поён рафта, то ҳол ба сатҳи пешина барнагаштааст. Сабабҳои ин коҳишёбиро пайгирӣ кардан ба манфиати кор мебуд.

6. Ҳамчун тавсия муаллиф ҳамасола баланд намудани меъёри сармояи оинномавии бонкҳоро дар ҳаҷми 10% пешниҳод намудааст, ки асосноккунии иловагиро талаб мекунад.

Эродҳои гирифташуда арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад ва дар сурати ба инобат гирифтани онҳо, таҳқиқот боз ҳам беҳтар мегардид.

Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия

Вобаста ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти диссертатсияи Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар мавзуи «Масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) омода гардида, таҳқиқоти анҷомёфта ва мукаммали илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат менамояд ва муаллифи он Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси молия,
и.в. дотсенти кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ **Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло**

Имзои Қ.А.Ҳаёзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Давлатзода М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муассиса:

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Тел.: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09
(+992 3322) 2-35-06
Email: info@kgu.tj, somona@kgu.tj